**Шакли № 03.01(02.03).06**

**Феҳристи андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми фурӯши молҳо (кор, хизматрасонӣ)**

**ҚИСМИ 1. Маълумоти умумӣ дар бораи супорандаи андоз аз арзиши иловашуда**

Дар банди 1 рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) гузошта мешавад.
Дар банди 2 рақами ягонаи мушаххаси андозсупоранда (РЯМ) гузошта мешавад.
Дар банди 3 рақами сабаби бақайдгирии андозсупоранда (РСБ) гузошта мешавад.
Дар банди 4 номгӯи супорандаи ААИ зикр мегардад.
Дар банди 5 давраи андоз нишон дода мешавад.

**ҚИСМИ 2. Фурӯши молҳо (кор, хизматрасонӣ)**

Қисми мазкур фурӯши молҳо (кор, хизматрасонӣ)-ро дарбар гирифта иборат аз 8 сутун мебошад.

Дар сутуни А рақами тартиби, сутуни Б андозсупорандагон, дар сутуни В рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА), дар сутуни Г рақами ягонаи мушаххаси андозсупоранда (РЯМ), дар сутуни Д силсила ва рақами ҳисобнома-фактура, дар сутуни Е номгӯи молҳо (кор, хизматрасонӣ), дар сутуни Ё маблағи умумии мол, кор хизматрасонӣ ва дар сутуни Ж маблағи ААИ нишон дода мешавад.

Дар сутуни Д дар ҳолатҳои таҳвили чаканаи молҳо ба супорандагони ААИ набуда, ки ба ҷои ҳисобнома-фактураи ААИ ҳуқуқи таҳия намудани дигар ҳуҷҷат пешбинӣ гардидааст, андозсупоранда метавонад рақам ва номгӯи ҳуҷҷати тартибдодашударо инъикос намояд.